# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)**

Диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон ба таҳқиқу баррасии мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Шоири халқии Тоҷикистон Низом Қосим бахшида шудааст.

Дар муқаддаимаи кор аҳаммияти мавзуи мавриди таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалӣ, асосҳои назарӣ ва методологияи таҳқиқ, нуктаҳои меҳварие, ки ба дифоъ пешниҳод шудаанд, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ бо таври мукаммал ва саҳеҳ баён карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Ҷойгоҳи шоир дар адабиёти даврони Истиқлол» унвон дошта, аз ду фасл фароҳам омадааст. Фасли аввали боби якум «Мухтасари рӯзгор ва шарҳи осори Низом Қосим» номгузорӣ шуда, доир ба шарҳи ҳол, муҳити хонаводагӣ, таҳсил ва фаъолияти эҷодии адиб баҳс менамояд.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия «Назари муҳаққиқон ва ҳамкасбон ба мақоми эҷодии шоир» ном дорад. Дар ин бахш муаллиф таъкид медорад, ки ашъори Низом Қосим аз тарафи адабиётшиносон камтар таҳқиқ шуда бошад ҳам, бархе адибон ва муҳаққиқони алоҳидае ба монанди Юсуф Акбарзода ба ҳунари шоирӣ ва ашъори ватандӯстонаи ӯ баҳои баланд додаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Мазмун ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» унвон гирифта, аз чор фасл фароҳам омадааст. Дар ин қисмати кор муҳаққиқ маҷмуаҳои шеърӣ ва мазмуну мундариҷаи ашъори шоирро мавриди баррасӣ қарор дода, инъикоси масъалаҳои муҳимми ҷомеаро дар осори Низом Қосим матраҳ менамояд.

Зимни таҳқиқ муаллиф қайд менамояд, ки беҳтарин ашъори шоир ба тараннуми Ватан ва тарғиби ватандӯстӣ бахшида шудаанд.

Боби сеюми рисола «Навпардозӣ дар заминаи ашъори сиёсию иҷтимоӣ» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли якуми боби мазкур «Жанр ва сохтори ашъори шоир» унвон гирифта, оид ба вижагиҳои жанрӣ ва сохтори ашъори Низом Қосим баҳс мекунад.

Фасли дуюми боби сеюм «Вижагиҳои ҳунарии шеъри сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» ном гирифта, мабоҳиси онро маҳорати мазмунофарӣ, ҷилваҳои ҳунарӣ ва корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори шоир ташкил медиҳад. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар ашъори шоир мантиқи сухан ва таносуби калом ба таври қавӣ риоя гардида, дар матраҳ сохтани мазмунҳои иҷтимоӣ ва ифодаи образноки фикр адиб сабку услуби хоси худро дорад.

Фасли сеюми боби мазкур «Навпардозиҳо дар эҷоди манзума, баллада, либретто ва драмаҳои манзум» номгузорӣ шуда, ба ақидаи муаллиф Низом Қосим ба манзумасароӣ, иншои шаклҳои калони шеърӣ, бахусус осори саҳнавӣ, таваҷҷуҳи зиёд дорад. Муҳаққиқ таъкид медорад, ки таълифи осори саҳнавӣ мухтассоти ба худ хос дошта, драмаҳои манзум дар эҷодиёти шоирони имрӯза қариб ба назар намерасанд, аз ин хотир, мавҷудияти жанрҳои драмавӣ далолат ба мушкилнописандии шоир менамояд.

Диссертант аз баррасии мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ ба хулоса ва натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ расида, онҳоро дар 11 банд манзур намудааст.

Дар баробари бартариҳои дар боло зикршуда, кори илмӣ аз баъзе камбудиҳо холӣ нест:

1. Хуб мешуд, ки диссертант зимни баррасии андешаҳои сиёсиву иҷтимоии шоир ба унвони шавоҳид байтҳоеро пиромуни ин мавзуъ дар автореферат зикр мекард.

2. Ба андешаи мо, беҳтар мебуд, ки фасли ниҳоии боби сеюм «Навпардозиҳои шоир дар эҷоди жанрҳои саҳнавии манзум» унвон мегирифт.
3. Дар саҳифаҳои автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва техникиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар интиҳо бояд гуфт, ки албатта, ин ғалатҳо осонислоҳ буда, мазмуну муҳтаво ва арзиши асосии таҳқиқро коста намегардонанд.

Автореферати диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» ба талаботи таҳияи автореферато ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Маҳмадалиева М. Р.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Дӯстии халқҳо 44/14
Тел: (+992) 000-99-20-27

Имзои Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновнаро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53
E-mail: bsu@mail.ru

05.02. 2025